Тасдиқ мекунам
Ректори Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор
__________ Ғафурзода А. Д.
" 13 " 11 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 - Фалсафаи иҷтимоӣ). – Кӯлоб, 2023.– 182с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ғаюров Л.Ш. ба шиносномаи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 - Фалсафаи иҷтимоӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасқиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди ҷомеаи навин ва бунёди давлати миллӣ омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф, хусусан, таҳлили фалсафии равандҳои навтарини равобити байни онҳо ба зарурати воқеӣ табдил меёбад. Равандҳои ҳамгироии ҷомеаи муосир водор месозанд, ки илм ва маориф ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳои иҷтимоӣ ворид гардида, вобаста ба густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ, ташаккули фазои инноватсионӣ, ба марказҳои рушди иҷтмоию фарҳангӣ табдил ёфтани донишгоҳҳо ва ғ. дар ин марҳала ҳам дурнамои таҳаввулот ва ҳам таъсири назарраси онҳо ба рушди ҷомеа муайян хоҳад гашт. Илм ва маориф ду мафҳуми ба ҳам алоқамананд буда, дар рушди шахсият ва ҷомеа нақши калидӣ доранд. Ҳамчунин, ин ду ниҳод дар ҳама самт ба

ҳамдигар таъсир расонда, дар маҷмуъ ба пешрафти умумии инсоният мусоидат мекунанд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи боҳамалоқамандии илм ва маориф аҳаммияти муҳим пайдо намуда, барои таъмини фаъолияти муштараки ин ду соҳа тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Таҳлили вазъи боҳамалоқамандии соҳаи маориф ва илм, инчунин ҳамгироӣ дар самти илм ва истеҳсолот, мувофиқ намудани самтҳои тадқиқоти илмӣ бо талаботи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ собит месозад, ки масъалаи мазкур дар шароити кунунӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи бештар ниёз дорад. Ҳадаф аз ба тасвиб расидани санадҳову ҳуҷҷатҳои давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва ғайраҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ҳамгироӣ дар соҳаи илми мактаби олӣ ва илми академӣ, ҳамчунин дар ин замина роҳандозӣ намудани боҳамалоқамандии зичи ин соҳаҳо бо корхонаҳои саноатии кишвар маҳсуб мешавад.

Аз ин рӯ, ҳамчун мавзуи диссертатсионӣ интихоб шудани масъалаи **«Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)»** мубрам ва зарур арзёбӣ шуда, он барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Чуноне ки аз мундариҷаи диссертатсия бармеояд, диссертант таҳлили илмӣ ва методологии боҳамалоқамандии илм ва маориф, нишон додани нақш ва таъсири фаъолияти муштараки маориф ва илм дар таҳким ва рушди ҳаёти моддию маънавии мамлакат, ташаккул ва рушди иқтидори зеҳнии кишвар, истифодаи самараноки натиҷаҳои тадқиқотҳои илмии мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳуриро ба сифати мақсади асосии таҳқиқот интихоб намудааст.

Диссертант ҷиҳати ноил шудан ба мақсади гузошташуда кӯшиш намудааст, ки иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимми зерини таҳқиқотиро ба анҷом расонад. Аз ҷумла, масъалаҳои таҳлили илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих, нишон додани заминаҳои ичтимоию фалсафии боҳамалоқамандии маориф ва илм, таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии соҳаи маориф ва илм дар таҷрибаи кишварҳои хориҷа, таҳлили вазъи ҳамгироии маориф ва илм дар ҷумҳурӣ дар шароити муосир, муайян намудани вазъи ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳурӣ, таҳлили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамгироии илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии мушкилот ва дурнамои ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон ва ғ. мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии боҳамалоқамандии илму маориф дар давраҳои таърихи нави ҷомеаи инсонӣ, ҷанбаҳои иҷимоиву фалсафии ҳамгироии илму маориф дар замони муосир, муайян намудани аҳамият ва зарурати ҳамгироии илму маориф ва нақши он дар рушди давлатдории миллӣ мебошад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар ҷумҳурӣ таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии масъалаи боҳамалоқамандии илму маориф амалӣ гардидааст. Масъалаҳои алоҳидаи навгонии таҳқиқотро ба таври зайл муаррифӣ намудан мумкин аст:

- собит гардид, ки ташаккулёбии илм ҳамчун маҷмуи донишҳо ва маориф ҳамчун низоми таълиму тарбия дар ибтидо фаъолияти мустақилона дошта, равобити байни онҳо ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоӣ дар раванди таърих пас аз инқилобҳои илмӣ оғоз гардид;

-нишон дода шуд, ки ҳамгироии илм ва маориф дар шароити муосир ба яке аз равандҳои меҳварии рушди давалат ва ҷомеа табдил ёфтааст, аз ин рӯ, таҳқиқу таҳлили он барои илм хусусияти актуалӣ касб намудааст;

-муайян гардид, ки боҳамалоқамандии маориф ва илм дар шакли интегратсияи неруи зеҳнии илми академӣ ва мактабҳои олӣ дар кишварҳои хориҷӣ мақоми хосса дошта, дар ҳалли мушкилоти ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад;

-ошкор гардид, ки дар шароити соҳибистиқлолии ҷомеаи Тоҷикистон баланд бардоштани иқтидори илмии кишвар ва дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани раванди боҳамалоқамандии илм ва маориф, аз ҷумла, дар самти ҳамгироии таҳсилоти олии касбӣ бо илми академӣ ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Мувофиқи мушоҳидаи таҳлилгарон, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ робитаи илмҳои бунёдӣ бо илмҳои кафедравию академӣ қатъ гардида истодааст, ки ин яке аз мушкилоти мубрами соҳаи илм ва маориф ба шумор меравад;

-муайян карда шуд, ки дар шароити имрӯза таҳсилоти олӣ чун манбаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, методология ва нишондиҳандаи фарҳанги ҷомеаи имрӯза дар ташаккул ва таҳкими иқтидори зеҳнии ҷумҳурӣ нақши муайянкунанда дорад.

Диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. аз номгуйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва тавсияҳо, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар қисмати муқаддимавии рисола диссертант нуқтаҳои асосии таҳқиқот, аз қабили аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, предмет, объект, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маълумоти дигари марбут ба меъёрҳои сохтории диссертатсияро тибқи талабот шарҳу тавзеҳ дода, доираи масъалаҳои баҳсталаби мавзуъро мушаххас менамояд ва бо далелҳои эътимодбахш доир ба таҳаввул ва ташаккули мавзуи таҳқиқшаванда огоҳона изҳори назар менамояд.

Боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф**» ном дошта, диссертант дар се зербоби ин боб бо такя ба манобеи илмию фалсафӣ – иҷтимоӣ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои таърихи ташаккулёбии

илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳоро дар масири таърих, ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафии таҳқиқи ҳамгироии илму маориф ва ҳамгироии илму маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар зербоби якуми боби мазкур **«Ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих»** диссертант, дар асоси таҳлили таърихи масъалаи ҳамгироии илму маориф ба хулосае омадааст, ки таърихи ташаккули илм бо таърихи ташаккул ва рушди маориф робитаи зич дошта, вазифаи бевоситаи онҳо дар ин раванд на танҳо интиқоли низоми дониш, балки тарбияи инсони қобили меҳнат ва фаъолияти касбии илмӣ мебошад (саҳ.18). Ҳамзамон, иброз намудааст, ки дар шароити нави рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ раванди ҳамгироӣ ҳамчун низоми муайянкунандаи рушди тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ эътироф мешавад. Бояд ёдовар шуд, ки дар ин раванд робитаи иштирокчиёни он мустаҳкамтар гардида, мустақилияти онҳо коста мегардад ва дар натиҷа шаклҳои нави фаъолият пайдо гардида, муносибатҳои навро ба вуҷуд меоранд. Ҳамин аст, ки рӯз то рӯз зуҳурёбии ин ҷараён шиддат гирифта, он тамоми соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро ҳамроҳӣ мекунад. Маҳз фарогир будани ин тамоюл, онро ба динамики умумии рушди ҷомеа ва давлат оварда расонидааст. (саҳ. 20). Дар ин зербоб диссертант асосҳои методологии таҳқиқи маъалаи мазкурро пурра баррасӣ намудааст.

Зербоби дуюми боби мазкур «**Ҷанбаҳои иҷтимоӣ – фалсафии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф**» унвон дошта, муаллиф зимни таҳлилу баррасии он заминаҳои иҷтимоиву фалсафии ҳамгироии илму морифро дида баромадааст. Ба андешаи диссертант Ғаюров Л.Ш. ҳар як низоми иҷтимоӣ, махсусан, дар шароити ҷамъияти постиндустралӣ (баъдииндустриалӣ) ба тарбияи мутахассисони низоми маорифи гуманитарӣ эҳтиёҷи калон дорад. Дар шароити муосир ҳама гуна низоме, ки ба инкишоф ва пешбурди истеъдодҳо (дар ҳар шакл) дар раванди рушди устувор ва тадриҷии ҷомеа монеъ мешавад, ба

мушкилоти ҷиддӣ дучор хоҳад шуд. Дар ин радиф, чараёни омода ва тарбия намудани чунин мутахассисон бе ҳамгироии илму маориф номумкин мебошад (саҳ. 37).

Дар зербоби сеюм «**Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа**» ҳамгироии илму маориф дар низоми миллии иноватсионии давлатҳои хориҷа мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Доир ба ин масъала диссертант бар он андеша аст, ки омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ҷанбаи муҳимми такмил ва татбиқи консепсияи миллии ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи кишвар мебошад. Ин раванд тӯлонӣ ва бисёрҷанба буда, бо гуногунии шаклҳои ҳамгироӣ дар мисоли донишгоҳҳои модели амрикоӣ, модели ҷопонӣ (осиёӣ) ва модели аврупоии навъҳои омехта муайян карда мешавад.(саҳ. 59). Зимни таҳлилу баррасии боҳамалоқамандии илм ва мориф дар низоми миллии инноватсионии давлатҳои хориҷӣ диссертант ба хулосае меояд, ки: «...таҷриба ва амалияи давлатҳои пешқадам дар соҳаи ҳамгироии илм ва маориф нишон медиҳад, ки тамоюли дурусти ҳамгироии илмию таълимӣ омода намудани мутахассисони ҳирфавӣ ва ба талаботи дар бозори меҳнат ҷавобгуйро таъмин менамояд» (саҳ. 59).

Боби дуюми диссертатсия - «**Стратегияи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо**» - аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои вазъи ҳамгироии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ҳамгироии илми академӣ бо фаъолияти илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илми фундаменталӣ, инчунин, ҳамгироии илму маориф дар низоми миллии инноватсионӣ мариди таҳқиқ крор дода шудааст.

Зербоби аввали боби дуюм «**Вазъи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон**» ном дошта, дар он вазъи ҳамгироии илм ва мориф дар даврони истиқлолияти давлатӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Диссертант доир ба ин масъала боадолатона қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои мубрам дар соҳи илм

ва маориф дар тамоми кишварҳои дунё ин ҳамгироии илм ва маориф мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр наметавонад аз ин раванд худдорӣ намояд ва рушди устувори он низ ба равандии ҳамгироии илм ва мориф вобастагии амиқ дорад. (саҳ. 82). Ҳамзамон, вобаста ба афзоиши ҳаҷми иттилоот самти таҳқиқот ва фаолияти касбию соҳавии олимон маҳдуд гардида, онҳо ба мутахассисони соҳаи маҳдуд табдил ёфтанд. Ҳамзамон, ҳамоҳангӣ ва ҳамгироӣ миёни самтҳои гуногуни илм коҳиш ёфта, корҳои таҳқиқотӣ ва натиҷагириҳо аз он бе назардошти таъсирот ва оқибатҳои чунин таҳқиқот ба муҳити зист ва ҷомеа роҳандозӣ мешуд. Дар робита ба ин, башарият дар шароити муосир бо мушкилоти "буҳрони ҷаҳонии экологӣ" рӯ ба рӯ гардид, ки сабаби он маҳз фаҳмиши нодурусти таъйинот ва мақоми инсон дар олам мебошад(саҳ. 83).

Зербоби дуюм «**Ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ**» ба баррасии масъалаи ҳамгироии илми академӣ ва илми кафедравию фундаменталӣ бахшида шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки боҳамалоқамандии илму маориф бевосита аз зарурати тарбия намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи имрӯза ва тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ба ҳам пайвастани неруи зеҳнии ҷамъият дар ҳалли проблемаю душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ-сиёсӣ бармеояд. (саҳ. 103). Системаи муосири таҳсилоти олӣ хусусияти хосе дорад, ки иртиботи ирсии онро бо пешрафти илмию техникӣ ва истеҳсолот собит мекунад ва дар зери таъсири он, неруи донишҳои илмию техникӣ ва технологияи таълиму тарбия, умуман, тағйироти куллӣ ба амал меояд. Дар шароити тағйирёбандаи ҷомеаи муосир таҳсилоти олӣ самти афзалиятнок буда, тайёр кардани мутахассисони ҳирфавию болаёқат барои ворид шудан дар дунёи нави «технократӣ» ва таъмини пурра аз иттилооти илмӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи маориф мебошад. Вазифаҳои овардашуда асоси фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мансуб меёбанд. Бояд зикр кард, ки асри XXI ҳамчун асри илм ва технологӣ қабул

гардидааст, аз ин рӯ, нақши илм ва таҳсилот дар пешравию тараққиёти ҷомеа ва давлат ва барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо муҳим арзёбӣ шудаанд. Ҳамгироии илму маориф ва истеҳсолот, ҳамчун раванди ҷудонашавандаи рушди илм ба баланд бардоштани донишҳои илмӣ ва воситаи сайқалёбии зеҳни инсонӣ мусоидат хоҳад кард(саҳ. 104).

Дар зербоби сеюми боби дуюм масъалаи **“Ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо”** баррасӣ гардидааст. Дар ин зербоб заминаҳои меъёриву ҳуқуқии ҳамгироии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта аст. Диссертант қайд менамояд, ки неруи зеҳнии ҷомеа дар ҷаҳони муосир ба ченаки муҳим ва муайянкунандаи рушд табдил ёфта, хароб гардидани он дар мадди аввал ба амнияти кишварҳо ва истиқлолияти онҳо таъсир хоҳад расонд(саҳ. 125). Масъалаи рушди давлатдории миллӣ дар шароити тағйирёбандаи ҷомеа ба рушди иқтидори зеҳнии он вобаста аст. Муаллифи диссертатсия зикр намудааст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва маълумотнокии омма, махсусан, наврасону ҷавонон самти асоситарин ва муҳимтарини рушди мамлакат дар ояндаи наздику дур ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар як давлату миллатро мебояд, ки ҷиҳати таҳкимбахшӣ ва пуриқтидор намудани давлати хеш дар арсаи байналмилалӣ тадбирҳои судманд андешад (саҳ. 126). Ҳамчунин, зикр менамояд, ки ҳамгироии илму маориф бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ барои бунёди давлатии миллии рақобатпазир ниҳоят зарур аст (саҳ. 131).

Автореферат ва диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ғаюров Лоиқ Шералиевич муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.** Дараҷаи омӯзиши мавзуъ мувофиқи меъёрҳои илмӣ таҳия гардида, таҳқиқталаб будани он нишон дода шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллифи рисола бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои

назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба таҳқиқи мавзуи ҳамгироии илму маориф ва фалсафаи маориф ва фалсафаи иҷтимоӣ рӯ овардаанд, такя намудааст. Манбаъ ва заминаи таҳқиқотро асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин махзанҳои электронии интернетӣ ташкил медиҳад.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо асоснокии методологии мукар-рароти ибтидоии назариявӣ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин, истифодаи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст.

**Аҳаммияти илмию амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки мукаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои нави ҳамгироии илму маориф ва стратегияҳои давлатӣ дар самти илму маориф мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин, дар кори пешниҳодшуда муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба паҳлуҳои муҳимми масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф рӯшанӣ андохта, зарурати аз ҷониби давлат ва кормандони илмию таҳқиқотӣ рӯ овардан ба ин масъалаи барои ҳаёти моддию маънавии ҷумҳурӣ зарурировошкор намояд.

Дар асоси таҳлил ва хулосаҳои баровардашуда, муаллиф тавсияҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ҳамгироии илму маориф ба принсипи дуҷониба асос ёфта, яке вазифаи истеҳсолкунанда, дигаре вазифаи татбиқкунандаро иҷро намуда, бо муттаҳидсозии донишҳои илмӣ ва ҳамгироии миёни илм ва мориф, махсусан, раванди таълим барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат зарурӣ ҳисобида мешавад. Дар ин мазмун интегратсия ин раванди амиқи таъсири мутақобилаи дохилӣ, ба

ҳам пайвастани донишҳои илмӣ мебошад, ки дар рафти татбиқи он предмет, сохтор, фанҳои таълимӣ ба ҳам алоқаманд ва тағйир ёфта, вазифаҳо васеъ мешаванд, дастгоҳи консептуалию категориявӣ ва воситаҳои методии онҳо ба зинаи дигар мебароянд. Аз ин рӯ, риоя ва амалӣ намудани чунин принсипи дуҷониба барои омода намудани мутахассисони рақобатпазир, пайвастани донишҳои илмӣ ва такмили дастгоҳи категориявию воситаҳои методии он мусоидат хоҳанд кард.

2. Ҷиҳати таҳкими боҳамалоқамандии илм ва маориф, инчунин, татбиқи натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ дар ҷумҳурӣ зарурати таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидани барномаи давлатии интегратсияи илм, маориф ва истеҳсолот барои солҳои оянда ба миён омадааст. Ҳолати мавҷуда ниҳодҳои масъули соҳаро водор месозад, ки ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин самт тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

3. Масъалаи дигари барои ҳаёти илмии Тоҷикистон муҳим, ин ба анҷом расондани тадқиқотҳои илмӣ доир ба самтҳои афзалиятноки илм маҳсуб мешавад. Имконияти зеҳнии муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ собит месозад, ки ҳар кадом дар алоҳидагӣ имкони анҷом додани тадқиқоти муҳим ва мукаммалро надоранд. Бинобар ин, муттаҳид намудани иқтидори кадрии ин муассисаҳо роҳи оқилона ва самараноки ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад. Доир ба самтҳои афзалиятноки илм ва таъмини фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ ва мактабҳои олӣ дар ҷумҳурӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро мебояд дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати самтҳои афзалиятноки илмро таҳия ва ба Ҳукумат пешниҳод намояд.

4.Тавре ки медонем, яке аз шаклҳои ҳамкориҳо дар самти илм ва маориф ин тарбияи кадрҳои илмӣ мебошад. Айни ҳол иҷрои "Барномаи давлатии тайёр намудани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" идома дорад. Таҳлили вазъи мавҷуда нишон медиҳад, ки иҷрои барномаи мазкур аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва кафедраҳои мактабҳои олӣ дар алоҳидагӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, аз ҷониби

Вазорати маориф ва илм ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадафҳо ба мақсад мувофиқ аст.

5. Имрӯз таҳким бахшидани интегратсияи илмҳои бунёдӣ ва мактабҳои олӣ ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Ба ин хотир дар ҷумҳурӣ Фонди президентии тадқиқотҳои бунёдӣ фаъолият мекунад, ки барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо мусоидат мекунад.

6. Дар тӯли истиқлолияти давлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷӣ зиёда аз 80 созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ ва илмию техникӣ ба имзо расидааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмӣ, хусусан, амалӣ намудани таҳқиқотҳои муштарак дар самти ҳалли проблемаҳои глобалӣ бо олимони кишварҳои хориҷӣ имконият фароҳам омадааст.

**Нашри натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои он, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдик шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро аз ҷиҳати сохторӣ дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқотро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба химоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва

натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Эродҳо ва хатогиҳо доир ба натиҷагирии диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ қайд мегардад, ки дар самти мазкур таҳқиқоти олимони тоҷик Р.Н. Назаров, Р. Комилов, Х.У. Идиев, Ф.Ф. Шарифов ва дигарон бахшида шудаанд. Аммо, дар матни диссертатсия андешаи онҳо доир ба мавзуи таҳқиқшаванда норавшан боқӣ мондааст.

2. Дар кори диссертатсионӣ баъзан мафҳумҳое дида мешаванд, ки мазмун ва моҳияти онҳо дар поварақ нишон дода шудаанд, аммо баъзан мафҳумҳои дигар шарҳталаб мебошанд.

3. Дар матни диссертатсия хатогихои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои баёнгардида хусусияти бунёдӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Ҳамин тариқ диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон(таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 - Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президента Ҷумҳурри Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 — Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Тақриз дар маҷлиси васеи кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми октябри соли 2023, Протоколи №3 муҳокима гардидааст. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайдарӣ С.С. омода карда шудааст.

Омодакунандаи тақриз:
н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа
ва илмҳои гуманитарии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайдарӣ С.С.

Раисикунанда: мудири кафедраи фалсафа
ва илмҳои гуманитарии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.т., дотсент Ализода Б. П.

Имзои Ҳайдарӣ С.С. ва
Ализода Б. П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.